Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA - 014
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Ш.Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 146.,www.tajagroun.tj,
E-mail: mtti2009@mail.ru

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи номзадии унвонҷӯ Иброҳимзода Одилхон Юлдош дар мавзӯи "Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон " барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

Фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши аграрӣ фаъолиятест, ки таи 10 соли охир дар мамлакат ривоҷи бештар касб карда, хизматрасонӣ ҳам аз ин навъи фаъолият, яъне истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба аҳолӣ беҳтар гардидааст. Ин соҳа дар ҳоле рӯ ба беҳтаршавӣ овард, ки соҳибкории аграрӣ дар Тоҷикистон аз бахшҳое афзалиятнок ва сердаромад аз ҷиҳати пардохти андозҳо ба буҷети давлатӣ эътироф гардиду таваҷҷӯҳи асоси барои рушди бемайлони он равона шуд. Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ низ ба ҳамин давра рост омада, талаботи ватанӣ дар бозор ҷои баъзе номгӯи маҳсулоти хориҷиро гирифт. Рушди бахшҳои сохибкорӣ дар мамлакат марҳила ба марҳила воридшавии маблағҳо ба буҷети давлатиро афзоиш дод.

Диссертант зимни таҳқиқоти худ таҷрибаи мамолики пешрафта дар самти рушди соҳибкории кишоварзиро омӯхта, баъзе нуктаҳои муҳими онро дар автореферат ҷой намудааст. Таҳқиқ кардашудааст, ки давлатҳои пешрафта, дар ин соҳа даромади моҳонаи аъзоёни хоҷагиҳои фермерии оилавӣ нисбат ба даромади коргарони дигар соҳаҳои хоҷагии халқ ду маротиба камтар аст. Аз ин рӯ, дар ҳамаи кишварҳои пешрафта давлат ҳамеша соҳаи кишоварзиро дастгирӣ менамояд. Субсидияҳои кишоварзӣ ба хоҷагиҳои фермерӣ дар Япония, Британияи Кабир, Дания, Германия муттаносибан 36,7%, 27,2%, 17,7%, ва 12,7% аз ММД-ро ташкил медиҳад. Ин нишондод дар Федератсияи Россия баробари 4,8%-и ММД мебошад. Субсидияи кишоварзӣ дар ИМА барои 1 га 94 доллар, дар баъзе кишварҳои Аврупо 501 долларро ташкил медиҳад. Дар Тоҷикистон ҳаҷми субсидияҳо дар соли 2019 аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодии хароҷоти буҷети давлатӣ 15,2% -ро ташкил дод.

Ҳангоми таҳлили вазъи воқеъии соҳибкории аграрӣ маълум шуд, ки вазни қиёсии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар сохтори истеҳсоли маҳсулотҳои соҳаи растанипарварии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 чунин аст: пахта– 80,3%, полизӣ – 76,2%, ғалладона – 59,4%, картошка – 59,2%, сабзавот – 53,5%, ангур – 48,0% ва меваҷот – 47,9% -

ро ташкил медиҳад. Аз тарафи муаллиф ҳам ХДФ ва ҳам хоҷагиҳои хонагӣ ҳарду ҳам соҳибкории кишоварзӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳиссаи хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои хонагӣ ба 80% то 96% -и маҳсулоти растанипарварии кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ баробар мебошад.Зимни таҳқиқот муаллифи диссертасия барои таҳлил ва муқоисаи истеҳсоли зироатҳои кишоварзӣ аз модели эконометрикӣ истифода кардааст, ки таҳлили коррелятсионӣ - муайянкунии алоқамандии байни омилҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ ва таҳлили регрессионӣ - таҳияи амсилаи ҳисобии регрессионӣ дар асоси маълумотҳои омории омилҳои хоҷагиҳои кишоварзиро муайян кардааст. Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда дурнамои маҷмӯи истеҳсоли намудҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ ва маҷмӯи истеҳсоли намудҳои асосии зироатҳои кишоварзӣ, ҳаҷми замини корам ва ҳосилнокӣ аз 1 га дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 муайян карда шуд.Қобили қайд аст, ки дар автореферат методҳои муқоиса ва таҳлил ба маврид истифода шуда, объекти таҳқиқот мушаххасу аниқ баён гардида, пай дар пайи ҷумлаҳо бо услуби илмӣ-коргузорӣ ва забони асл тоҷикӣ эҷод шудаанд. Бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ муаллиф коркарди принсипҳои муайян ва риояи онҳоро пешниҳод намудааст.Дар автореферат баъзе норасоиҳо дида мешаванд, аз ҷумла:

1. Барои такмил додан ва ҳавасмандии рушди соҳибкории аграрӣ дар боби 2 ё боби сеюми диссертатсия азҷониби муаллиф ягон модели консептуалӣ ё матритса таҳия карда мешуд боз ҳам сифати диссертасияро баланд мебардошт;

2 . Дар автореферат ғалатҳои имлоию грамматикӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо тақозои замон аст;

Дар умум камбудиву эродҳои муайяншуда тавсиявӣ мебошанд, ки ба мазмун ва қимати илмӣ-назариявии диссертатсия таъсири манфӣ расонида наметавонанд. Дар маҷмӯъ қайд карда мешавад, ки дар асоси ҳама ҳолатҳои дар боло қайд гардида, рисолаи номзадии мазкур дар мавзӯи “**Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**” ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Иброҳимзода Одилхон Юлдош барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05-Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи “Менеҷменти истеҳсолӣ” донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

Ашурзода А.Н.

Имзои дотсенти кафедраи “Менеҷменти истеҳсолӣ” ДТТ ба номи академик М.С.Осимӣ Ашурзода А.Н-ро тасдиқ мекунам.

Сардори ШК ва КМ Шарипова Д.